«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ
Шарифзода Б.Б.______________
21-уми августи соли 2020

**Тақризи**
**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Абдуқодирзода Саидмукаррам «Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва суннати тафсирнигории Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ (асрҳои X-XV)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик**

Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ чеҳраи адабии шинохташуда аст. Яке аз соҳаҳои фаъолияти адабӣ ва илмии ӯ тафсирнависӣ мебошад. Аз миёни чаҳор китоби тафсири Ҳусайн Воиз унвонҷӯ китоби “Мавоҳиби Алийя” (“Тафсири Ҳусайнӣ”)-ро барои таҳқиқ интихоб карда ва сабаби онро муалиф дар он дидааст, ки “ин китоби тафсир дар миёни аҳли илму адаб, махсусан қуръонпажӯҳон, ба сифати яке аз беҳтарин тафсирҳои мумтозе шинохта шудааст, ки ба забони форсии тоҷикӣ ба Қуръони маҷид навишта шудааст. “Тафсири Ҳусайнӣ”, махсусан, дар миёни мусулмонони аҳли суннат ва ҷамоат аз маъруфияти вижае бархурдор буда”, аз назари аҳаммияти маърифатии он дар шинохти нукоти қуръонӣ, балоғату фасоҳат ва “аз нигоҳи молик будан ба қиммати вижаи илмию адабӣ ҳамчун асари пурарзиш ҷузъи муҳимми адабиёти асримиёнагии форсу тоҷик ба шумор меояд. Аз ин нигоҳ китоби “Тафсири Ҳусайнӣ”, қабл аз ҳама, аз он ҷиҳат дорои аҳаммият аст, ки он аз ҷомеият бархурдор буда, ба забони форсии тоҷикӣ ва ба сабке миёнгини илмию адабӣ таълиф шудааст” (саҳ. 3). Унвонҷӯ барои муайян кардани арзиши ҳақиқии асари мазкур суннати тафсирнигориро ҳам ба доираи таҳқиқ кашида, ба ин восита саҳми Ҳусайн Воизро дар навиштани тафсир ба забони тоҷикӣ таъйин кардааст.

Маҳз ҳамин нуктаҳо аҳммияти ва зарурати таҳқиқоти рисолаи мазкурро собит менамоянд, ки «Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва суннати тафсирнигории Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ (асрҳои X-XV)» унвон гирифтааст. Масъалаҳое, ки унвонҷӯ дар рисолааш ба онҳо таваҷҷуҳ кардааст, ба мисли аҳаммият ва арзиши илмию адабӣ, суннату навоварӣ, ҷиҳатҳои илмию адабӣ ва вижагиҳои сабки нигориш дар адабиётшиносии

тоҷик баррасӣ нашуда, ҳамчун муҳимтарин вазифаҳои ҳалталаб боқӣ монда буданд.

Навгонии илмии таҳқиқ дар он дида мешавад, ки дар рисола бори нахуст тафсири арзишманди Ҳусайн Воизи Кошифӣ “Мавоҳиби Алийя” (“Тафсири Ҳусайнӣ”) ба таври ҷомеъ ва дар алоқамандӣ бо масъалаи суннати тафсирнависӣ ба Қуръон ба забони тоҷикӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Таҳқиқи асари мазкур дар иртибот ва муносибат бо ҷаҳонбинӣ ва равиши тафсирнигории муфассир ҷараёни тафсирнигории Кошифиро бо тамоми ҷузъиёт муайян намуда, имкон медиҳад, ки арзишҳои мундариҷавӣ ва бадеии асари адибро муфассал ва ба таври амиқ дарк карда шавад.

Аҳаммияти назарии таҳқиқ бар он асос меёбад, ки дар диссертатсия мақоми Ҳусайн Воиз дар тафсирнигорӣ ба забони тоҷикӣ ва махсусиятҳои шарҳу тавзеҳи никоти қуръонӣ дар таърихи насри тафсирӣ дар адабиёти асрҳои миёна муайян гардида, ҳунари тафсирнависии Кошифӣ дар тавзеҳи калима, ибора, таркиб ва ҷумлаҳои ҷуръонӣ нишон дода мешавад. Ҳамчунин, дар асоси маводи муътамад бартарии равиши тафсирнависии соҳиби “Тафсири Ҳусайнӣ” нисбат ба тафсирҳои муфассирони дигаре, ки қабл аз ӯ навиштаанд, исбот карда мешавад. Аҳаммияти назарии рисола дар он ҳам зоҳир мегардад, ки он асосҳои илмии омӯзиши насри тафсирии тоҷикро аз нигоҳи қонунмандиҳои таҳлилӣ, тавзеҳӣ, ташреҳӣ ва эстетикӣ тақвият медиҳад.

Арзиши амалии таҳқиқ аз он бармеояд, ки натиҷаҳои таҳқиқ ҳангоми омӯзиши таърихи насри тоҷик дар асрҳои миёна метавонад мавриди истифода қарор дода шавад ва муҳаққиқони насри тафсирии тоҷикро водор намояд, ки зимни таҳлилу баррасиҳои илмӣ ба усули интихобкардаи унвонҷӯ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда, ҳангоми таҳқиқи мавзӯъҳои ҳамгун онҳоро ба назари эътибор гиранд. Маводи таҳқиқи рисола, инчунин, метавонад ҳангоми таълифи таърихи насри тафсирии тоҷик ва, махсусан, тафсирнависӣ ба забони тоҷикӣ бар Қуръон, омода кардани лексияҳо ва курсу семинарҳои махсус мавриди истифода қарор дода шавад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб ва фаслу зерфаслҳои мутаносибан мантиқию пайдарҳам, хулоса ва китобнома иборат аст.

Дар муқаддима аҳмияти мавзӯи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, ҳадаф ва вазифаҳои ба миён гузоштащуда, навгониҳои таҳқиқ, арзиши назарӣ ва амалии он, асосҳои методологии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва татбиқи натиҷаи таҳқиқот таъкид шудааст.

Боби якуми рисола тахти унвони “Зиндагинома, ҷаҳонбинӣ ва мероси адабии Ҳусайн Воизи Кошифӣ” дорои ҳашт фасл аст. Фасли чоруму панҷум аз ду зерфасл, зерфасли дуюми фасли панҷум аз чор бахш иборат аст. Дар фаслҳои ҳаштгонаи боби мазкур ба масъалаҳои зиндагиномаи Ҳусайн Воизи Кошифӣ, таҳсилот ва касби камол, ҷаҳонбинӣ, шахсияти эҷодӣ ва ҳувияти адабӣ, мероси илмию адабӣ, таълифоти илмии Ҳусайн Воиз, китоби “Равзат-уш-шуҳадо”, асарҳои дигари Кошифӣ, китобҳои мансуб ба ӯ ва баҳсҳои марбут ба онҳо таваҷҷуҳ карда шудааст. Таснифоти адабӣ ва фаъолияти шоирии Кошифӣ низ ба таври алоҳида баррасӣ шудаанд.

Боби дуюми рисола тахти унвони “Суннати тафсирнигорӣ бар Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ то замони Ҳусайн Воиз” аз чор фасл иборат аст. Дар фаслҳои мазкур масъалаҳои шахсияти муфассир ва заминаҳои фикрии он, мафҳуми “тафсир” ва истилоҳоти қариб ба он, анвои тафсир ва суннати тафсирнигорӣ то давраи Ҳусайн Воизи Кошифӣ таҳқиқ шудаанд. Баҳси унвонҷӯ дар масъалаи шахсияти муфассир, ки бо таваҷҷуҳ ба фаъолияти тафсирнигории Ҳусайн Воизи Кошифӣ пайгирӣ шудааст, бисёр ҷолиб аст.

Муҳтавои фасли чорум дар се зерфасл матраҳ шудаанд. Дар зерфасли якум масъалаи тафсирнигорӣ ба забони арабӣ: шарҳу тавзеҳи шифоҳӣ ва тафсирнависии мактуб, дар зерфасли дуюм масъалаи тарҷумаи тафсирҳои арабии Қуръон ба форсӣ ва дар зерфасли сеюм тафсирҳои таълифӣ ба забони форсӣ баррасӣ шудааст. Дар зерфасли охир тафсирҳои ба забони форсии тоҷикӣ таълифшудае аз оғози роиҷ шудани тафсирнависӣ ба забони порсӣ то давраи Ҳусайн Воизи Кошифӣ баррасӣ гардидаанд, саҳми Ҳусайн Воиз дар илми тафсирнигорӣ ва маърифати каломи раббонӣ муайян карда шудааст.

Унвонҷӯ ба масъалаи суннати тарҷумаи Қуръон ва тафсири он аз забони арабӣ ба порсӣ, ки баробар иттифоқ афтодааст, диққат дода, тарҷумаи “Тафсири Табарӣ” ба забони порсии дариро ба сифати нахустин китоби тафсир ба забони порсӣ шинохтааст. Баррасиҳои баъдӣ дар асоси китобҳои тафсире сурат гирифтаанд, ки то рӯзгори мо боқӣ мондаанд. Бо таваҷҷуҳ ба хронологияи таърихӣ дар диссертатсия чунин китобҳои тафсир баррасӣ шудаанд: “Тафсири ду ҷузъи Қуръон”, “Тарҷумаи Тафсири Табарӣ” “Тафсири куҳан”, “Тарҷумаи тафсирии Қуръон”, “Тафсири Қуръони пок”, “Тафсири Қуръони азим”, “Тафсире бар ушре аз Қуръони маҷид”, “Лисон-ут-танзил”, “Тафсири Кембриҷ”, “Тафсири Исфароинӣ” (асрҳои X-XI), “Латоиф-ут-тафосир”, “Кашф-ул-

асрор ва уддат-ул-аброр”, “Равз-ул-ҷинон ва рӯҳ-ул-ҷанон” (“Тафсири Абулфутӯҳи Розӣ”), “Тафсири Басоири Яминӣ”, “ас-Ситтин ал-ҷомеъ ли латоиф ал-басотин” (номҳои дигараш: “Тафсири сураи Юсуф”, “Ҷомеъ-ус-ситин”, “Ҷомеъ латоиф-ал-басотин”) (асри XII), “Зод-ул-музаккирин”, “Тахбир-ул-калом”, “Канз-ул-мулк”, “ал-Мухтор мин кутуб-ал-ахбор” (асри XIII), “Тафсири сураи Фотиҳа”, “Тафсири Банокатӣ”, “ал-Асъила ва-л-аҷвиба ал-мутааллиқа би-л-Қуръон ва-л-ҳадис” (асри XIV), “Тафсири Муҳаммади Порсо”, Тафсирҳои Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ, “Тафсири Чархӣ”, “Мадориҷ-ул-афҳом-ул-афвоҷ”, “Баҳри маввоҷ”, тафсирҳои Шоҳ Доъии Шерозӣ: “Таъвили ояте аз Каломуллоҳ”, “Рисолаи шаҷария”, тафсирҳои Саййид Муҳаммад Нурбахши Қойинӣ: “Тафсири ояти “Фаман кона ярҷу лиқоа Раббиҳ” ва “Тафсири манзум”,“Тафсири сураи Ҳашр”, “Китоб-уш-шифо фӣ тафсир Каломуллоҳ-ул-мунзал мина-с-само” (номҳои дигараш: “ал-Муҳаммадия” ва “Тафсири Мусаннифак”), “Тафсири гозур”, “Юсуфнома” (“Кашф-ул-арвоҳ”) (асри XV). Ҳамаи китобҳои мазкур қабл аз китобҳои тафсири Ҳусайн Воизи Кошифӣ таълиф шудаанд.

Боби сеюми рисола таҳти унвони “Арзишҳои илмию адабии “Тафсири Ҳусайнӣ” дорои чор фасл аст. Дар фаслҳои чаҳоргонаи ин боб масъалаҳои нусхаҳои хаттӣ ва чопии “Мавоҳиби Алийя”, сарчашмашиносии “Тафсири Ҳусайнӣ”, арзишҳои илмию адабии “Тафсири Ҳусайнӣ”, пайравони Ҳусайн Воиз дар тафсирнигорӣ таҳқиқ шудаанд. Бузургтарин ва муҳимтарин баҳси ин боб фасли сеюм аст, ба таҳқиқи арзишҳои илмию адабии “Тафсири Ҳусайнӣ” бахшида шудааст. Ин фасл аз панҷ зерфасл иборат буда, шомили чунин мабоҳис аст: ашъори форсию арабӣ дар тафсир, истиқболи суханони арбоби таҳқиқ аз ҷониби муфассир, истишҳод ба қасаси машҳури анбиё ва ҳикоёт, баҳрагирӣ аз гуфтаҳо ва андешаҳои орифону сӯфиёни машҳур ва вижагиҳои сабки тарҷумаву тафсир.

Унвонҷӯ бо мақсади ба таври дақиқ ва равишманд муайян кардани арзишҳои адабии китоби “Тафсири Ҳусайнӣ” аз равиши махсуси мутолиа ва таҳқиқ кор гирифта, нахуст, дар миёни сураҳои Қуръони карим яке аз дарозтарини онҳоро, ки сураи Бақара мебошад, интихоб карда, сонӣ дар ҷараёни мутолиа ва баррасии сураи мазкур никоти асосии марбут ба таъйини арзишҳои адабии асарро ба теъдоди 163 маврид мушаххас карда, дар охир матолиби зарурирро дастабандӣ карда, муҳимтарини онҳоро, ки басомади назаррас доранд, дар он миён ҷудо ва дар панҷ фасл таҳқиқ кардааст.

Дар “Хулоса” дар асоси таҳқиқи масъалаҳои асосии мавриди назари унвонҷӯ натиҷаҳои басо арзишманди илмию назарӣ ба таври возеҳу мушаххас баён гардидааст.

Дар баробари комёбиҳои ҷолибу арзишманди илмӣ дар рисола баъзе мавридҳои баҳснок ва ислоҳталаб низ ба мушоҳида мерасанд:

1. Фасли дуюми боби дуюм ба баҳси мафҳуми “тафсир” ва истилоҳоти наздик ба он ихтисос ёфтааст, ки аз баҳсҳои меҳварӣ ва муҳим дар баррасии мавзӯи таҳқиқи рисола аст. Ин фасл хусусияти назарӣ дошта, ба баёни хулосаи назария ва таъбиру истилоҳҳои маъмули илмӣ дар мавриди мафҳуми “тафсир” пардохта шудааст. Агар пас аз баррасии таъриф ва назарияҳои маълум дар замина дидгоҳи Кошифӣ ва тарзу равиши тафсирнигории ӯ аз ҷиҳати сабк ва хусуситҳои илмию адабӣ мушаххас мешуданд, ба манфиати кор мебуд.

2. Дар рисола баъзе аз масъалаҳои марбут ба иртиботи Ҳусайн Воиз бо Султон Ҳусайни Бойқаро ва Алишери Навоӣ зикр шудааст, ки сарфи назар кардан аз онҳо беҳтар менамояд. Ба ҳамин монанд масъалаи пайвастани Кошифӣ бар тариқати нақшбандия дар Ҳирот дар саҳифаҳои гуногуни рисола зиёд таъкид шудааст, ки зарур набуд.

3. Дар рисола “дар кулли масъалаҳо назаре таҳаммулгаро” доштани Ҳусайн Воиз таъкид шудааст, вале он ба таври фарогир баррасӣ нашудааст. Пешниҳод мегардад, ки бинобар шохисаи муҳим будани таҳаммулгароӣ дар шахсият ва орои Кошифӣ масъала дар оянда ба таври муфассалу ҳамаҷониба омӯхта шавад.

4. Баёни муаллифи рисола дар баъзе ҳолатҳо то андозае тавсифӣ аст, ба мисли ин ҷумла: “Китоби “Мавоҳиби Алийя”, гузашта аз аҳаммияти маърифатии он... ва балоғату фасоҳати нотакрораш...” (саҳ. 11).

5. Унвони дигари “Мавоҳиби Алийя” будани “Тафсири Ҳусайнӣ” дар рисола ба такрор омадааст: “Мавоҳиби Алийя” ё худ “Тафсири Ҳусайнӣ”; “ин асар дар миёни мардум бо номи “Тафсири Ҳусайнӣ” машҳур аст” (саҳ. 16).

6. Дар баъзе ҳолатҳо ҳамгун сохтани истилоҳот ва вожаҳои ҷудогона лозим аст: “форсу тоҷик” “форсии тоҷикӣ”,”форсинажод”ва “форситабор”, “дуюм” ва дувум”.

7. Дар матни рисола гоҳе ғалатҳои фаннӣ ва уфтодагиҳои чопӣ низ ба мушоҳида мерасад.

Фишурдаи диссертатсия ва мақолаҳои унвонҷӯ, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд, мазмуни асосии корро ифода мекунанд.

Диссертатсияи Абдуқодирзода Саидмукаррам «Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва суннати тафсирнигории Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ (асрҳои X-XV)» ҳамчун кори илмии ҷомеъ ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик мебошад.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда дар ҷаласаи шӯъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИ ҶТ барасӣ гардид (қарори №7 аз 05.05.2020). Иштирок доштанд: 12 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 12 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

**Мудири шуъбаи таърихи**
**адабиёти ИЗА ба номи**
**Рӯдакии АМИТ, д.и.ф., профессор** **Сатторов А.**
**e-mail: sattorzoda@list.ru**
**Тел.: (+992) 918 45 98 16**

**Ташхисгар: номзади илми филология** **Н.Муҳаммадюсуф**

**Котиби илмӣ:** **Ш.Муҳаммадиев**

**Нозири шуъбаи кадри Институти**
**забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ** **Нарзиқулова Ҳ.**

**Нишонӣ:**
734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 21 ИЗА ба номи Рӯдакӣ:
Тел.: (+992-37) 227-29-07; 227-75-50; факс: - iza.rudaki@mail.ru **iza.tj**.